«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон номзади илмҳои техникӣ
_________________________ Ниёзӣ С. Р.
16 апрели соли 2025

## ХУЛОСАИ

ҷаласаи васеи шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба кори диссертатсионии докторанти шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна дар мавзуи “Ташаккули сулҳдӯстӣ, таҳаммулпазирӣ ва ватандӯстии мактабиёни хурдсол (зимни маводи анъанаҳои халқи тоҷик) ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст.

Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна 14-уми июли соли 1973 таваллуд шудааст. Соли 2000 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулоҳи Рӯдакиро хатм намудааст. Мавсуф фаъолияти меҳнатиашро соли 1996 ба ҳайси муаллимаи синфҳои ибтидоӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №13-и ш. Кӯлоб оғоз намуда, соли 2002 ба ҳайси муаллимаи синфҳои ибтидоии Литсейи “Лаёқат”- и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе, соли 2011 директори Мактаб-интернати №4-и шаҳри Душанбе, соли 2012 директори Гимназияи хусусии “Ҳиммат”-и шаҳри Душанбе, соли 2013 мутахассиси пешбари раёсати ташкили назорати давлатӣ ва баҳодиҳӣ ба сифати таҳсилоти Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи маорифи назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2017 мудири шуъбаи таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, соли 2021 мудири кафедраи назария ва методикаи тарбияи томактабии факултети таҳсилоти томактабии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, соли 2023 муовини директор оид ба корҳои тарбиявии Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият намудааст. Мавсуф айни замон ба ҳайси дотсенти кафедраи педагогика ва психологияи

Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият менамояд.

Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна баъд аз хатми донишгоҳ ба шуъбаи омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дохил шуда, таҳти роҳбарии академик Лутфуллозода Муҳаммад дар мавзуи "Тарбияи сулҳдӯстӣ ва таҳаммулпазирии мактабиёни хурдсол зимни анъанаҳои халқи тоҷик" таҳқиқоти илмии худро оғоз намуда, соли 2013 диссертатсияи илмии номзадиро дар шурои назди КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Руссия дифоъ намудааст.

Мавсуф аз 21.10.2016, таҳти №180 дар докторантураи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба шуъбаи ғоибона дохил шуда, соли 2020 онро хатм намудааст.

Дар Шурои олимони Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон 28.02.2017, №02 мавзуи рисолаи доктории Қаюмова Ҳ. Т. таҳти унвони "Ташаккули сулҳдӯстӣ, таҳаммулпазирӣ ва ватандӯстии мактабиёни хурдсол (зимни маводи анъанаҳои халқи тоҷик) " тасдиқ карда шудааст.

Ба кори илмии докторант доктори илмҳои педагогӣ, профессор, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Лутфуллозода Муҳаммад мушовири илмӣ таъйин шудааст.

Ҷаласаи васеи шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баромади довталаби дараҷаи илмӣ Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна дар мавзуи "Ташаккули сулҳдӯстӣ, таҳаммулпазирӣ ва ватандӯстии мактабиёни хурдсол (зимни маводи анъанаҳои халқи тоҷик) ", хулосаи мушовири илмии докторант, доктори илмҳои педагогӣ, профессор, академик Лутфуллозода Муҳаммад ва музокираву муҳокимаҳои илмии иштирокчиёни ҷаласаро шунида, ба чунин хулоса расид:

1. Ихтисос, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла, ба банди 3-Антропологияи педагогӣ низоҳои педагогӣ /шароит/ рушди шахсият дар раванди таълим, тарбия, таҳсилот), банди 5-Назария ва консепсияи тарбия (шароити иҷтимоию фарҳангии тарбия; қонуниятҳо,принсипҳои тарбияи кӯдак дар марҳилаҳои гуногуни ба воя расидан: асосҳои арзишии бунёди раванди тарбия, низомҳои педагогии тарбия: мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мутобиқат намуда, самтҳои асосии онро инъикос мекунад.

Диссертатсияи Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна аз муқаддима, чор боб ва 12 зербоб, хулоса ва рӯйхати адатбиёти истифодашуда иборат аст.

2. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна “Тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси фарҳанги педагогии тоҷикон” ба самти афзалиятноки илми педагогикаи миллӣ – анъанаҳои пешрафтаи халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳдӯстӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ робитаи бевосита дошта, ба амалисозии талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикисон “Дар бораи маориф”, ”Консепсияи мактаби миллӣ”, “Консепсияи миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи кӯдак”, ҳамчунин Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то солҳои 2030 дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, инчунин салоҳиятҳои касбии омӯзгорон нигаронида шудааст.

Аз ҳамин мавқеъ, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна, ки дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ саҳми босазо гузошта метавонад, муҳим ва мубрам арзёбӣ мешавад.

3. Натиҷаи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, дар 36 интишороти муаллиф, 29 мақолаи илмӣ, ки дар нашриҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3 номгӯй маводи таълимию-методӣ, 3 номгӯй монографияи илмӣ, 4 мақолаю маъруза дар маҷмуаҳои маводи конференсияҳои илмии байналмилалӣ ва нашриҳои соҳавии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд.

Теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ, аз ҷумла, мақолаҳои илмии докторант, ки дар нашриҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нашриҳои дигар ба табъ расидаанд, ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқат доранд.

Мақолаҳои дар нашриҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия нашргардида:

[1-М] Қаюмова Ҳ. Т. Моҳияти тарбияи сулҳдӯстӣ ва таҳаммлпазирӣ дар сифатҳои ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ. [Матн] /Ҳ.Т.Қаюмова //Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе, 2024. №1(45). С.112-118. ISSN 2617-5320.

[2-М] М.Лутфуллозода, Қаюмова Ҳ. Т. Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккули давлатдории муосири тоҷикон [Матн] /Ҳ.Т.Қаюмова //Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе, 2025. №2(50). С.112-118. ISSN 2617-5320.

[3-А] Қаюмова Ҳ. Т. Воспитание миролюбия у учащихся на примере народного творчества [Текст] /Х. Т. Каюмова //Вестник педагогического государственного университета им. С.Айни. – Душанбе. –2020. –№2 (45). С.15-17. ISSN 2219-5408.

[4-А] Қаюмова Ҳ. Т. Тарбияи сулҳдӯстӣ тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик [Матн] /Х. Т. Қаюмова // Паёми донишгоҳи педагогии давлатии ба номи С.Айни. – Душанбе. –2013. –№2 (45). С. 15-17. ISSN 2219-5408.

[5-А] Қаюмова Ҳ. Т. Произведения из наследия предков по миролюбия для учащихся/ [Текст] Х. Т. Каюмова // Известия Академии наук Республики Таджикистан (отделение общественных наук). – Душанбе. – 2014. –№3. – С. 58-61.

[6-М] Қаюмова Ҳ. Т. Когда в ответе родители [Текст] /Ҳ. Т. Қаюмова // Вестник педагогического государственного университета им. С.Айни. – Душанбе. – 2013. –№3 (46). – С. 175-176. ISSN 2219-5408.

[7-М] Қаюмова Ҳ. Т. Воспитание толерантности у подростков [Текст] /Ҳ.Т.Қаюмова // Вестник педагогического государственного университета им. С.Айни. –Душанбе. –2013. –№2 (51).–С. 195-199. ISSN 2219-5408.

[8-М] Қаюмова Ҳ. Т. Воспитание детей на традициях таджикского народа в современной педагогике [Текст] /Ҳ. Т. Қаюмова // Вестник Курган-Тюбинского государственного университета имени Носира Хусрава.– Курган-Тюбе. – 2017.– 1-3(47). – С.133-137.ISSN 2309-6764.

[9-М] Қаюмова Ҳ. Т. Воспитание толерантности у детей школьного возраста [Текст] /Х. Т. Каюмова// Вестник Курган-Тюбинского государственного университета имени Носира Хусрава.– Курган-Тюбе. – 2017.– 1-4 (49). – С.152-157. ISSN 2309-6764.

[10-А] Қаюмова Ҳ. Т. Воспитание детей на традициях таджикского народа в духе миролюбия и патриотизма [Текст] / Х. Т. Каюмова // Вестник Курган-Тюбинского государственного университета имени

НосираХусрава (научный журнал).–Бохтар. – 2018.– 1-1(51). – С.152-157. ISSN 2309-6764.

[11-А] Қаюмова Ҳ. Т. Роль педагогического содружества в формировании нравственных установок младших школьников [Текст] /Х. Т. Каюмова// Вестник педагогического государственного университета им. С.Айни.–Душанбе. –2018. –№5-2(77). – С. 41-45. ISSN 2219-5408.

[12М] Қаюмова Ҳ. Т. Акмалова М. А. Особенности семейной и школьной ситуации в педагогической деятельности учащихся средних общеобразовательных учебных заведений [Текст] / Х. Т. Каюмова // Вестник Курган-Тюбинского государственного университета имени Носира Хусрава (научный журнал).– Бохтар. –2018.– 1-1(51). – С.105-111.ISSN 2309-6764.

[13-М] Қаюмова Ҳ. Т. Педагогика толерантности как фактор формирования у учащихся начальных классов нравственных установок [Текст] / Х. Т. Каюмова //Вестник Курган-Тюбинского государственного университета имени Носира Хусрава (научный журнал).– Бохтар. – 2018. 1-2 (53). – С.93-97. ISSN 2309-6764.

[14-М] Қаюмова Ҳ. Т. Педагогические основы воспитания подростков в духе миролюбия и патриотизма /Х.Т.Каюмова [Текст] // Вестник Курган-Тюбинского государственного университета имени НосираХусрава (научный журнал) –Бохтар. –2018. – 1-3 (55). – С.146-151. ISSN 2309-6764.

[15-М] Қаюмова Ҳ. Т. Формирование нравственных установок учащихся начальных классов в духе миролюбия, толерантности и патриотизма/Х.Т.Каюмова[Текст] //Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе. – 2018. – №1. – С. 295-500. ISSN 2074-1847.

[16-М] Қаюмова Ҳ. Т. Воспитание толерантности у учащихся/ Х. Т. Каюмова[Текст] // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе. –2018. –№4.–С. 233-237. ISSN 2074-1847.

[17-М] Қаюмова Ҳ. Т., Акмалова М.А. Состояние и пути совершенствования системы образования /Х. Т. Каюмова [Текст] //Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе. – 2018. –№5. – С. 255-259. ISSN 2074-1847.

[18-М] Қаюмова Ҳ. Т. Труды выдающихся просветителей и мыслителей прошлого и народные традиции, посвященные нравственности. [Текст] /Х. Т. Каюмова// Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе. – 2018. –№ 6.–С. 235-239. ISSN 2074-1847.

[19-М] Қаюмова Ҳ. Т. Миролюбие и патриотизм– основа воспитания подростков. [Текст] /Х.Т.Каюмова// Вестник Таджикского

национального университета. – Душанбе. – 2018.– №8.– С. 218-222. ISSN 2074-1847.

[20-М] Қаюмова Ҳ. Т. Педагогическое содружество в формировании нравственных установок младших школьников в Республике Таджикистан. /Х. Т. Каюмова [Текст] // Вестник Курган-Тюбинского государственного университета имени Носира Хусрава (научный журнал). –Бохтар. – 2018.– 1-3(55). – С.103-106.ISSN 2309-6764.

[21-М] Қаюмова Ҳ. Т. Традиции таджикского народа в современной педагогике. /Х. Т. Каюмова [Текст] Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе. – 2019.– №1.– С. 230-232. ISSN 2074-1847.

[22-М] Қаюмова Ҳ. Т. Педагогика толерантного содружество как средство формирования у младших школьников нравственных качеств. /Х. Т. Каюмова[Текст] Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе. – 2019.– №2.– С. 241-246. ISSN 2074-1847.

[23-М] Қаюмова Ҳ. Т. Воспитание подростков в духе толерантности, миролюбия и патриотизма. /Х.Т.Каюмова [Текст] Вестник Института развития образования. – Душанбе. – 2019.– №2.(26)– С.46-51. ISSN 2617-5620.

[24-М] Қаюмова Ҳ. Т. Мудрость никогда не приведёт к войне/ Х. Т. Каюмова [Текст] //Школа и общество. – Душанбе. –2014. – №1 (4). –С. 41-43.

[25-М] Қаюмова Ҳ. Т. Социальная сущность воспитания миролюбия/Х. Т. Каюмова [Текст] //Маърифати омузгор. – Душанбе. – 2017. – №6. – С. 19-21.

[26-М] Қаюмова Ҳ. Т. Толерантность путь к миру/ Х. Т. Каюмова [Текст] // Школа и общество. – Душанбе. – 2016. – №2. –С. 28-30.

[27-М] Қаюмова Ҳ. Т. Воспитание миролюбия–наша цель /Х.Т.Каюмова [Текст] // Маърифат. – Душанбе. – 2017. –№ 7-8. – С. 55-56.

[28-М] Қаюмова Ҳ. Т Арифметикаи зеҳнӣ-омили асосии рушти тафаккур. Паёми ДДОТ №1 (5, 2021) с. 34-38.

[29-М] Қаюмова Ҳ. Т. Кенҷаева З.Х. Асосҳои равонӣ-педагогии ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯён. Паёми донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон. № 5-6(9-10) –Душанбе-2021 бахшида ба 90 солагии ДДОТ ба номи С.Айнӣ. Ҷилди 2. Саҳ 122-127 /Х.Т.Каюмова [Текст] –№5-2(77). – ISSN 2219-5408.\

[30-М] Қаюмова Ҳ. Т. Таълими салоҳиятнокӣ асоси ташкили корҳои мустақилонаи донишҷӯён. Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Душанбе 2021-№ 5-6(9-10) бахшида ба 90 солагии ДДОТ ба номи С.Айнӣ. Ҷилди 2. Саҳ 118-120. ISSN 2219-5408.

Мақолаҳое, ки дар маҷмуаи маводи конференсияҳои байналмилалӣ нашр шудаанд:

[31-М] Қаюмова Ҳ. Т. Республиканская научно-теоретическая конференция молодых ученых в Таджикском национальном университете - «Школа миролюбия Лидера Нации – ориентир молодёжи в настоящем и светлом будущем светлый путь для будущего процветания», посвящённой 20-летию национального единства и году молодёжи (2017г., посвященная 20 летим национального единства и года молодёжи ,18-19 мая 2017 г. «Национальное единство возрождается из единство возрождается из единства нации» в журнале ТНУ, 18-19 мая 2017 г ,с. 12-15. ISSN 978-99975-54-11-6.

[32М] Қаюмова Ҳ. Т. Моҳияти ахлоқ ва сифатҳои ахлоқии шахс дар тарбияи сулҳдӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ. Конференсияи байналмилалӣ: Дар барномаи "Таъмини баробарҳуқуқии кӯдакони имконияташон маҳдуд дар таълим, мушкилот ва роҳҳои ҳалли он дар ҷомеа" дар маркази рушди забони ишора ва таълими ношунавоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе -2023. С.253-257. ТДУ 376.4(063.3).(575.3)ТКБ74.3 (тоҷикӣ)

[33-М] Қаюмова Ҳ. Т. Ташаккули давлатдории муосири тоҷикон зимни баргузории иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ . Маҷмуи мақолаҳо. (Маводи мизи мудаввар бахшида ба 30- солагии иҷлосияи XVI- уми Шӯрои Олии ҷумҳурии Тоҷикистон). Душанбе, 2022. С. 14-15. ТДУ 376.3(063.3)(375.3); ТКБ 69.3(2тоҷик).

[34-М] Қаюмова Ҳ.Т. Хусусиятҳои ташаккули кӯдакони хурдсол дар рӯҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ [Матн] Ҳ.Т.Қаюмова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (шаҳри Душанбе, 8-апрели соли 2025) дар мавзуи: "Масъалаҳои муосири таълими томактабӣ тамоилҳои рушди он ва самтҳои ислоҳот дар партави Паёми Асосгузорӣ сулҳу ваҳдатӣ миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 28.12.2024". Филиалӣ давлатии донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Душанбе. ҶДММ "Табъу нашр "- 2025. - С. 45-55.

Монография, воситаи таълимӣ ва дастурҳои методӣ:

[35-М] Қаюмова Ҳ. Т. Асосҳои назариявӣ ва амалии ташаккули сифатҳои ватандӯстӣ, сулҳдӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ зимни хушмуомилагии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути ҷашнҳои миллӣ ва фароғатӣ. (Дастури методӣ). / Ҳ.Т.Қаюмова [Текст]. Душанбе; «Бебок» 2025.108с. ISBN 978-99985-45-58-8

[36-М] Қаюмова Ҳ. Т. Интегративные методы формирования миролюбия, толерантности и патриотизма учащихся начальных классов в трудах классиков таджикско-персидской литературы и народных традициях. (Монография).- . /Х. Т. Каюмова [Текст]. -Душанбе, “Ирфон”,2018. –140 с. ISBN-978-99975-0955-0.

[37-М] Қаюмова Ҳ. Т. Теоретическая и методологическая обоснованность формирования миролюбия, толерантности и патриотизма учащихся начальных классов на основе трудов классиков таджикско-персидской литературы и народных традиций (монография) /Х. Т. Каюмова [Текст]. – Душанбе: Ирфон, 2019.– 258 с. ISBN-978-99975-0955-0.

[38-М] Қаюмова Ҳ. Т. Теоретические основы формирования патриотизма, миролюбия и толерантности учащихся начальных классов на основе трудов классиков таджикско-персидской литературы и народных традиций (Монография) /Х. Т. Каюмова [Текст]. – Душанбе: ИРОАОТ, 2019. – 260с. ISBN-978-99975-1-143-0.

Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодкардаи докторант дар раванди таълим дар синфҳои 1-4 муассисаҳои таълимии миёнаи умумии №№ 35, 15, 27, 79, 55-и шаҳри Душанбе ва №№ 5, 13-и шаҳри Кӯлоб тавассути баргузор кардани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ тавсиб ва тасдиқ карда шудаанд. Санадҳои татбиқи натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки дар боло зикр гардиданд, мавҷуд буда, ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ собит карда шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, маърузаҳо дар ҷаласаҳои шубаи педагогика, психология ва методикаи таълим, шуроҳои илмӣ, семинарҳои илмӣ-методии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, кафедраи педагогика ва психологияи Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва ҷаласаҳои шуроҳои иттиҳодияҳои методии муассисаҳои таълимии миёнаи умумии шаҳр ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мавриди муҳокима ва тасвибу озмоиш қарор гирифтанд.

5. Докторант дар диссертатсияи худ саҳми шахсиро дар чанд самти муҳимми таҳқиқот баён намудааст. Ӯ бо такя ба мероси ғании халқи тоҷик ва арзишҳои фарҳангии он, методологияи навро барои тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ таҳия кардааст. Таҷрибаи педагогӣ, ки дар мактабҳои шаҳрҳои

Душанбе ва Кӯлоб гузаронида шуд, нишон дод, ки истифодаи анъанаҳои миллӣ метавонад шуури ахлоқии хонандагонро қавӣ гардонад ва эҳсоси масъулияти шаҳрвандиро дар онҳо рушд диҳад. Муаллиф бо таҳлили барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ нишон додааст, ки унсурҳои ватандӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ дар таълим ҳанӯз ҳам ҷойгоҳи устувор надоранд, ва бо пешниҳодҳои мушаххас барои пурра кардани муҳтавои онҳо баромад кардааст. Ин натиҷаҳоро муаллиф дар мақолаҳои илмӣ нашр намуда, дар конференсияҳои Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Донишгоҳи педагогии Москва муаррифӣ кардааст, ки дар натиҷа пешниҳодоти ӯ барои такмили муҳтавои таълимӣ ва тарбиявӣ дар мактабҳои Тоҷикистон мавриди баррасии мутахассисони соҳа қарор гирифт.

Таҳқиқоти диссертатсионии Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ муҳим буда, докторант дар раванди амалисозии мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, дар воқеъ, навгониҳои зеринро ворид намудааст: масъалаи тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси истифодаи анъанаҳои халқи тоҷик ва ташаккули онро ошкор сохта, барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар заминаи мафҳумҳои “ватандӯстӣ”, “сулҳпарварӣ” ва “таҳаммулпазирӣ” равишҳои консептуалӣ ва тавсияҳои методӣ таҳия карда, хусусиятҳои асосҳои тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим ва дар давраи фаъолияти беруназмактабӣ ва беруназсинфиро ошкор намуда, шароити тарбияи босамари ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоиро бо далелҳои илмӣ асоснок кардааст.

Дар кори илмӣ ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии масъала мавриди таҳлил қарор гирифта, бо такя ба мероси педагогии халқи тоҷик усули ташаккули ҳисси ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ пешниҳод гардидаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олии педагогии кишвар истифода гарданд.

Муаллиф дар асоси таҳлили амиқи адабиёти педагогӣ, анъанаҳои мардумӣ ва таҷрибаи муосири таълимӣ, методикаи муассири ташаккули арзишҳои ватандӯстӣ ва таҳаммулпазириро дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ таҳия намудааст.

Диссертатсия дар доираи педагогикаи миллӣ равишҳои навро барои такмили раванди таълиму тарбия пешниҳод намуда, нақши

анъанаҳои таърихию фарҳангии халқи тоҷикро дар тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ таъкид менамояд.

Арзиши назариявии таҳқиқот дар он аст, ки:

- мавқеи муаллиф дар қаринаи ҷустуҷӯ ва дарёфти воситаҳои самаранок ва усули муносиби тарбияи ғояи ахлоқӣ ва ақидаҳо нисбат ба ҷаҳони муосир дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ исбот карда шудаанд;

- заминаҳои педагогии тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ бо назардошти шавқу рағбати ботинӣ, худмуайянкунӣ, худнамоӣ ва ҳадафмандӣ дар расидан ба ҳадафҳо ва вазифаҳои пешбинигардида ошкор карда шуданд;

- тарзи гуфтори омӯзгор дар вазъияти интихоби шакл ва усули мусбат ва анъанавии этнопедагогӣ бо мақсади дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ татбиқ намудани сифатҳои волои инсони хушахлоқ муайян карда шудаанд;

- хусусияти дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ тарбия намудани арзишҳои ахлоқӣ дар раванди таълиму тарбия ошкор карда шуда, тавсифномаи муфассали ҷузъиёти чунин фаъолият фароҳам оварда шудааст;

- ягонагии шуури ахлоқӣ ва рафтори хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо мақсади азхудкунии қоидаҳо ва меъёрҳои одоб ва ахлоқ ба даст оварда шудааст;

- амсилаи тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба талаботи вазъияти муосири иҷтимоию фарҳангӣ ҷавобгӯ тахия карда шудааст;

- ба кори озмоишию таҷрибавӣ меъёрҳо ва нишондиҳандаҳое муайян карда шуданд, ки имкон медиҳанд. то динамикаи рушди дараҷаҳои дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ташаккулёбии малакаҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар раванди таълиму тарбия пайгирӣ карда шаванд;

- равишҳои азхудкунии арзишҳои ахлоқӣ ва истифодаи онҳо дар ҳама гуна ҳолатҳо ва вазъиятҳои мушаххас ба тасвиб расидаанд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот иборат аст аз:

- тахияи асосҳои назариявию методологии нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ;

- истифодаи ҷанбаҳои муҳтавоӣ ва техникӣ дар раванди таҳсилот оид ба тарбияи асосҳои ватандӯстӣ, сулҳдӯстӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, таъмини дониш ва маҳоратҳо, ки имкон

медиҳанд самаранокии раванди таълиму тарбия ба таври назаррас баланд бардошта шавад;

- таҳияи тавсияҳо ва васоити таълимии татбиқгардида дар амалияи кор оид ба тарбияи асосҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси мероси педагогикаи халқии тоҷик.

Баъзе аз маводи таҳқиқотиро метавон дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ барои омодасозии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар робита бо амалисозии раванди тарбияи асосҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди истифода қарор дод. Тавсияҳои илмию методии таҳияшуда тасаввуроти унвонҷӯён ва магистрҳоро оид ба проблемаи мазкур густариш медиҳанд.

Барномаи озмоишию таҷрибавӣ ва амсилаи тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии таҳиягардидаи муаллиф дар синфҳои ибтидоии як қатор мактабҳо метавон дар курсҳои такмили ихтисос, бозомӯзии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти иёнаи умумӣ аз хулосаю натиҷагириҳои дар рисолаи мазкур овардашуда мавриди истифода қарор диҳад.

Ҷаласаи васеи шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баромади докторант Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна, хулосаи мушовири илмии докторант, доктори илмҳои педагогӣ, профессор, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Лутфуллозода Муҳаммад, муқарризон Шербоев С. – д.и.п., узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Раҳимзода Х. - д.и.п., профессори шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Каримзода М. – д.и.п., саркотиби илмии Академияи таҳсилоти

Тоҷикистон ва музокирaю муҳокимаҳои илмии иштирокчиёнро шунида,

## ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи докторанти шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна дар мавзуи "Тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси фарҳанги педагогии тоҷикон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

пешниҳод гардидааст, кори мустақилона баанҷомрасидаи илмӣ буда, ба талаботи КОА- назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ ҷавобгӯ дониста шавад.

2. Бо мақсади мувофиқсозии номи мавзуи диссертатсия ба мазмуни матни диссертатсия номи мавзуи диссертатсияи Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна дар таҳрири зерин: "Нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ" баён карда шуда, барои тасдиқ ба Шурои олимони Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

3. Диссертатсияи Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна дар мавзуи "Тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси фарҳанги педагогии тоҷикон" барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Қарор дар ҷаласаи васеи шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2025, протоколи № 04 қабул гардидааст.

Дар ҷаласа 15 нафар иштирок доштанд, аз он ҷумла 3 нафар узви шурои диссертатсионии назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ки шурои диссертатсионӣ дар назди он амал мекунад.

Натиҷаи овоздиҳии кушод: "Тарафдор" – 15 нафар; "Зид" – нест; "Бетараф" – нест.

Раиси ҷаласа, доктори илмҳои
педагогӣ, профессор, мудири шуъбаи
педагогика, психология ва методикаи таълими
ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ Иматзода Л.М.

Котиби ҷаласа Ҷонмаҳмадова Г.

Маълумот барои тамос: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. А. Адхамов 11/2. Тел.: (+992-32) 227 45 25, 227 46 00. E-mail: prmatt@maorif.tj.

*Имзои Л.М. Иматзода ва Г. Ҷонмаҳмадоваро тасдиқ менамоям.*

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ Ҳакимова Х.